آواز تاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

25 июли соли 2026
Шанбе
№ 59
(15278)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## САРВАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ҚАТАР МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ РЎЗНОМАИ ҲАМКОРИРО БАРРАСӢ КАРДАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 24 июл бо Амири Давлати Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ суҳбати телефонӣ анҷом дод.**

Дар оғози суҳбат Сарвари давлати мо ба талошҳои фаъоли Амири Қатар оид ба таъмини сулҳу субот дар Ховари Миёна баҳои баланд дод.

Масъалаҳои ба сатҳи нави шарикии стратегӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба баровардани муносибатҳои Ўзбекистон ва Қатар баррасӣ шуданд. Бо қаноатмандии хоса фаъол гардидани муколамаи судманд ва табодули сафарҳо дар сатҳи олӣ ва баланд қайд карда шуд.

Дар ҷараёни суҳбати телефонӣ ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки барои густариши муколамаи сиёсӣ ва суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ тадбирҳои ҳамоҳангро амалӣ намоянд.

Ҳамчунин сарварони Ўзбекистон ва Қатар доир ба ҷадвали чорабиниҳои дарпешистодаи сатҳи олӣ мубодилаи афкор анҷом доданд.

**ЎзА.**





*ҶММ «Fazman textile», ки дар ноҳияи Давлатободи вилояти Намангон фаъолият мебарад, яке аз корхонаҳои калони бофандагӣ дар ҳудуд буда, дар ин ҷо 1200 нафар меҳнат мекунанд.*

*Наздик 90 фоизи маҳсулоти хушсифати бофандагӣ содир мешавад. Маҳсулоти тайёр баробар ба кишварҳои ИДМ ба бозорҳои Аврупо, Амрико ва Мексика дастрас гардонда мешавад.*

*Назар ба таъкиди роҳбари корхона Тоҳир Ҷўраев алъон давраи дувуми лоиҳаи сармоявӣ татбиқ карда мешавад. Баъди пурра ба кор андохта шудани лоиҳа ҷойҳои корӣ 3 ҳазорторо ташкил хоҳад кард.*

***Дар сурат:** дар ҶММ «Fazman textile»-и ноҳияи Давлатободи вилояти Намангон.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***



***Дар шароите, ки ҷаҳон бо мушкилоти афзоиши аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, камшавии захираҳои табиӣ ва болоравии талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ рў ба рў шудааст, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ўзбекистон низ бо назардошти ин равандҳо ба истифодаи оқилонаи захираҳои ғизоӣ, коҳиш додани исрофкорӣ ва ҳифзи муҳити зист таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.***

***Маҳз бо ҳамин мақсад 16 сентябри соли 2025 Ҳукумати Ўзбекистон қарор «Дар бораи чораҳои истифодаи самараноки партовҳои озуқаворӣ, ки дар корхонаҳои хўроки умумӣ ба вуҷуд меоянд, коҳиш додани таъсири манфии онҳо ба муҳити зист ва пешгирии исрофкориҳои зиёдатӣ»-ро қабул намуд. Ин ҳуҷҷат на танҳо масъалаҳои истифодаи оқилонаи маҳсулоти озуқавориро танзим мекунад, балки ба баланд бардоштани фарҳанги истеъмол ва ташаккули муносибати масъулона нисбат ба неъматҳои рўзгор низ равона гардидааст.***

## АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ПЕШГИРИИ ИСРОФКОРӢ

Имрўз амнияти озуқаворӣ танҳо таъмини бозор бо маҳсулоти хўрокворӣ нест. Ин мафҳум тамоми занҷираи истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, истеъмол ва истифодаи самараноки маҳсулотро дар бар мегирад. Ҳар як маҳсулоте, ки беасос ба партов табдил меёбад, на танҳо зарари иқтисодӣ, балки талафи об, замин, неруи барқ, меҳнат ва дигар захираҳоро низ ба бор меорад.

Мутахассисон таъкид мекунанд, ки дар ҷаҳон ҳамасола миллионҳо тонна маҳсулоти ғизоӣ ба партов табдил меёбад. Ин ҳолат ҳамзамон ба зиёд шудани партовгоҳҳо, ифлосшавии муҳити зист ва афзоиши партови газҳои зараровар низ сабаб мешавад.

Бо назардошти ҳамин омилҳо, сиёсати нави давлатӣ дар Ўзбекистон ба он равона гардидааст, ки маҳсулоти ғизоӣ ҳарчи бештар самаранок истифода шуда, сатҳи исрофкорӣ дар ҳамаи зинаҳо коҳиш дода шавад.

Яке аз самтҳои муҳими қарор ба тартиб даровардани баргузории тўй, маърака ва маросимҳо мебошад. Солҳои охир дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми баргузории чунин чорабиниҳо зиёдаравӣ ва исрофкорӣ мушоҳида мегардад. Миқдори зиёди хўрокҳои омодагардида истифода нашуда, ба партов табдил меёбанд.

Ҳоло мавсими тўйҳо фаро расидааст. Табиати аҷибе дорад мардуми мо. Солҳои дароз меҳнат мекунад. Хуб нахўрдаву напўшида, ба сайру саёҳат нарафта ёфтаи худро захира мекунад... Ва он захираи худро бо баҳонаи тўй ё маъракае «сарф» мекунад. Дар ин маврид, миқдори зиёди маҳсулот ва хўрок истифода ва ё истеъмол нашуда, ба партов табдил меёбанд.

Ин гуна муносибат на танҳо ба иқтисоди оилаҳо таъсири манфӣ мерасонад, балки аз нигоҳи ахлоқӣ ва экологӣ низ қобили қабул нест. Зеро дар ҳоле ки дар ҷаҳон миллионҳо нафар аз норасоии ғизо ранҷ мебаранд, исроф кардани маҳсулоти озуқаворӣ бо арзишҳои инсондўстона созгор нест.

Аз ин рў, дар доираи «Давраи муҳими амнияти озуқаворӣ» назорати ҷамъиятӣ нисбат ба баргузории тўй ва маъракаҳо тақвият дода мешавад. Мақсад маҳдуд сохтани шаҳрвандон нест, балки ташаккули фарҳанги сарфакорӣ, эҳтиром ба неъмат ва истифодаи оқилонаи захираҳо мебошад.

– Дар амалисозии қарор мақоми маҳаллаҳо хеле муҳим мебошад. Маҳалла ҳамчун наздиктарин сохтори ҷамъиятӣ метавонад дар миёни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ, тарғиботӣ ва маърифатиро ба роҳ монад, – мегўяд раиси Иттиҳодияи маҳаллаҳои ноҳияи Нурато Алишер Шокиров.

Бо ҳамкории Иттиҳодияи маҳаллаҳои ҷумҳурӣ, бахусус Раёсати вилояти Навоӣ, дар маҳаллаҳо вохўрӣ, суҳбат, семинар ва чорабиниҳои иттилоотӣ ташкил гардида, аҳолӣ аз аҳамияти сарфакорӣ ва пешгирии исрофкорӣ огоҳ карда мешавад.Фаъолони маҳалла, собиқадорон, занони фаъол, ҷавонон ва дигар намояндагони ҷомеа дар ин раванд саҳми фаъол мегузоранд. Ҳадафи асосӣ – ташаккули фарҳанги муносибати эҳтиёткорона ба маҳсулоти ғизоӣ мебошад.

Бисёриҳо гумон мекунанд, ки агар маҳсулоти ғизоӣ пўсида ба партовгоҳ партофта шавад, он худ аз худ аз байн меравад. Аммо воқеият дигар аст. Ҳангоми таҷзияи партовҳои озуқаворӣ дар партовгоҳҳо гази метан ҳосил мешавад, ки таъсири он ба гармшавии глобалӣ аз гази карбон чандин маротиба зиёдтар мебошад.

Ғайр аз ин, ҷамъшавии партовҳои органикӣ боиси пайдоиши бўйи нохуш, афзоиши ҳашароти зараровар ва ифлосшавии обу хок мегардад. Аз ҳамин сабаб қарор истифодаи такрории пар-товҳои озуқаворӣ, ҷудокунии онҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири коркардро низ пешбинӣ мекунад.

Қарори ҳукумат аз 16 сентябри соли 2025 оид ба истифодаи самараноки пар-товҳои озуқаворӣ ва пешгирии исрофкорӣ яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор ба шумор меравад.

Ташкили самараноки «Давраи муҳими амнияти озуқаворӣ», пурзўр намудани назорати ҷамъиятӣ нисбат ба тўй, маърака ва маросимҳо, баланд бардоштани фарҳанги истеъмол ва истифодаи оқилонаи маҳсулоти ғизоӣ имкон медиҳад, ки на танҳо талафоти иқтисодӣ коҳиш ёбад, балки муносибати масъулонаи ҷомеа нисбат ба неъматҳои зиндагӣ низ тақвият пайдо мекунад.

Амнияти озуқаворӣ аз ҳар як шаҳрванд оғоз меёбад. Ҳар як нон, ҳар қатра об ва маҳсулоти ҳифзшуда саҳмест дар рушди устувори кишвар, ҳифзи муҳити зист ва таъмини зиндагии шоистаи наслҳои оянда.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

## ХУҶАНД ОБОД МЕШАВАД

***Дар маҳаллаи Хуҷанди ноҳияи Тўрақўрғон 672 хонавода зиндагӣ мекунанд ва 476 оила бо токпарварӣ машғуланд. Онҳо дар як сол беш аз ҳазор тонна ангур истеҳсол мекунанд ва 12,8 миллиард сўм даромад мекунанд. Бо шарофати роҳандозии лоиҳаҳои хурд, худкорӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ дар маҳалла сатҳи камбизоатӣ камтар аз ду фоизро ташкил медиҳад.***

Имрўз бо меҳнати дастҷамъона ҳудуд боз ҳам ободтар мешавад. Аз ҷумла, сохтмони биноҳои бисёрошёна ниёзҳои манзилии аҳолиро қонеъ мегардонад.

Дар маркази маҳалла, аз ҷониби корхонаи «Шердор юрт бунёдкори» бо арзиши лоиҳавии 15 миллиарду 127 миллион сўм бинои панҷошёнае, он ки 68 хона дорад, сохта шуда, дар арафаи иди истиқлол ба истифода супурда мешавад.

Ҳокими ноҳия Шералӣ Қосимов бо фаъолон ва сокинони маҳалла мулоқот карда, дар бораи аҳамияти моҳонаи «Моҳи ободӣ ва меҳрубонии маҳалла», ки дар саросари ҷумҳурӣ баргузор мешавад, сухан кард. Вай ба калонсолон ва нурониёни маҳаллӣ муроҷиат карда гуфт, ки дар корҳои ташкилӣ ва ободонӣ ба ҷавонон намунаи ибрат бошанд, то ки якҷоя иди аз ҳама бузург ва азизтаринро бо хурсандӣ пешвоз гирем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

***Дар Қабулгоҳи халқии ноҳияи Тўрақўрғон бо иштироки роҳбарони ноҳия қабули сайёр гузаронида шуд. Як гурўҳ шаҳрвандони маҳаллаи Шарқ аз мушкилоти оби нўшокӣ, барқ, асфалтпўшии роҳҳои дохилӣ, газ ва масъалаи партов муроҷиат карда буданд.***

## МУРОҶИАТҲО ҲАЛ ШУДАНД

Роҳбари ноҳия Шералӣ Қосимов бо мақсади ҳалли мушкилоти муроҷиаткунандагон ба кўчаҳои Боғкўча ва Буюк келаҷак омада, бо шароити аҳолӣ ва имкониятҳо шинос шуд ва бо онҳо мулоқот гузаронд. Дар ин ду кўча ҳамагӣ 250 оила мавҷуд буда, гарчанде ки маҳалла пурра бо оби нўшокӣ таъмин карда шудааст, ба хонаҳое, ки дар тарафи пасти маҳалла ҷойгир шудааст, об расида намеравад. Аз ин рў, чораҳои баланд бардоштани фишор ҳамчун роҳи ҳалли мушкилот андешида шуд.Айни замон, мутахассисони корхонаи шабакаҳои барқ ба муайян кардани ниёз ба трансформаторҳои иловагӣ ва такягоҳҳои бетонӣ шурўъ кардаанд. Масъалаи партов ва асфалтпўшии роҳҳо низ баррасӣ мешавад. Баллонҳои газ дар давоми 45 рўзи муайяншуда интиқол дода мешаванд.

Инчунин, дар бораи аҳамияти баргузории «Моҳи ободии маҳалла ва меҳрубонӣ» гуфта шуд. Таъкид шуд, ки беҳтар кардани шароити маҳалла аз сокинон вобаста аст. Мушкилот ҳал шуд ва акнун аз мардуми маҳалла талаб ин аст, ки ба тозагӣ ва ободии кўчаву хонадонҳо эътибор диҳанд, то ки ободӣ ва рушди маҳалла дар дасти ҳар як шаҳрванд аст.

**Мухбири худамон.**

## ФАРҒОНА – БОТКАНД: ҲАМКОРИҲО ВУСЪАТ МЕЁБАНД

***Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров дар деҳаи хушманзараи Шоҳимардони ноҳияи Фарғона бо намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон дар вилояти Ботканд Мамирҷон Раҳимов мулоқот кард. Дар ин мулоқот роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ду вилоят, ҳокимони ноҳияҳои Фарғона ва Қадамҷой ва мақомоти дигари дахлдор иштирок карданд.***

Вохўрӣ аз он ҷиҳат муҳим шумурда шуд, ки он барои ба сатҳи нав баровардани муносибатҳои минтақаҳои марзӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва тақвияти минбаъдаи муносибатҳои наздики ҳамсоядорӣ хидмат хоҳад кард.

– Мо аз имкониятҳои мавҷуда бояд ҳамеша самаранок истифода бурда, вусъати ҳамкориҳоро дар самтҳои гуногун тақвият бахшем. Таҳкими дўстиву рафоқат танҳо моро ба сўйи ояндаи нек ва доман густардани ҳамкориҳои бештар раҳнамо хоҳад шуд, –гуфт Хайрулло Бозоров.

Мамирҷон Раҳимов изҳор намуд, ки роҳбарони ҳарду давлати ҳамҷавор аз чунин ташаббусҳои нек ҳамеша ҷонибдорӣ хоҳанд кард.

– Ин барои вусъати ҳамкориҳои миёни ду вилояти ҳамҷавор хеле мусоидат хоҳад намуд, – қайд кард Мамирҷон Раҳимов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*«Моҳи шукуфоӣ ва саховатмандӣ дар маҳалла»*

# МАҲАЛЛАҲОИ ТӮРАҚӮРҒОН ОБОД МЕГАРДАНД

***Барои истиқболи иди аз ҳама бузург, аз ҳама азиз – 35-умин солгарди Истиқлолияти Ватанамон моҳи июл «Моҳи шукуфоӣ ва саховатмандӣ дар маҳалла» эълон карда шудааст.***

Ин як ташаббуси муҳими умумимиллӣ буда, барои ба сатҳи нав баровардани ҳаёти маҳалла равона шудааст.

Ин ҳаракат, ки бо ташаббуси роҳбари давлатамон оғоз шудааст, барои тағйир додани намуди зоҳирии маҳаллаҳо, фароҳам овардани муҳити муносиби зиндагӣ барои аҳолӣ ва муттаҳид кардани мардум дар атрофи як мақсади нек хидмат хоҳад кард.

Дар ин хусус дар вилояти Намангон низ корҳои амалӣ ба пеш меравад. Ҳар як маҳалла бо мероси таърихӣ, меҳмоннавозӣ ва анъанаҳои худ фарқ мекунад. Агар ин таҷриба бо равиши замонавӣ муттаҳид карда шавад, маҳаллаҳо ба як намунаи воқеӣ табдил меёбанд. Дар доираи моҳона дар бораи пиронсолон, шахсони танҳо, ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёздошта ва камбизоат маълумотҳо гирифта, хонаҳои онҳо таъмир карда мешавад. Ба онҳое, ки муҳтоҷӣ доранд, муоинаҳои тиббӣ ташкил карда мешавад.

Дар маҳаллаи Юқори Қодирободи ноҳияи Тӯрақӯрғон беш аз 200 хонавода мавҷуд ва дар онҳо зиёда аз 800 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд.

Соли гузашта мушкили обёрии қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ дар доираи барномаи «Аз камбизоатӣ то шукуфоӣ» ҳал карда шуд. Имсол сокинон муттаҳид шуда, дар марҳилаи аввали лоиҳаи «Бусҷаи ташаббускор» фаъолона иштирок намуда, 1 миллиарду 680 миллион сӯм ба даст оварданд. Ба наздикӣ 4420 метр роҳ ва 16 кӯчаи дохилӣ пурра асфалтпӯш карда шуд.

Дар доираи «Моҳи ободии маҳалла ва меҳрубонӣ» дар ин маскан низ корҳои тозагӣ, истифодаи самаранокии боғ ва рушди чорводорӣ ба амал оварда шуд.

– Барои чунин зиндагии зебову шароитҳои хуб Президентамонро дуо мекунем, – мегӯяд сокини маҳалла Муҳаббатхолаи 70-сола. – Ҷавонии мо дар хонаҳои пастхаму кӯчаҳои танг гузашт... Ҳоло зиндагӣ дигар шудааст. Дар маҳаллаҳои ноҳияи Косонсой низ одамони одиро дидан мумкин аст, ки ташаббусҳои бузургро ба ӯҳда мегиранд. Аҳолӣ барои рушди қаламрави худ беҳтар кардани инфрасохтор ва иштироки фаъолона дар ҳаёти иҷтимоӣ талош мекунад. Ин раванд на танҳо шукуфоии маҳалларо таъмин мекунад, балки некӯаҳволӣ ва ягонагии аҳолиро низ тақвият медиҳад.

«Янги Ўзбекистон» яке аз чунин маҳаллаҳои фаъол ба шумор меравад. Дар солҳои охир инфрасохтори маҳалла беҳтар шудааст ва фаъолияти аҳолӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ афзоиш ёфтааст. Ҳоло деҳа бо оби тозаи нӯшокӣ пурра таъмин аст. Сутунҳои кӯҳнаи чӯби электр бо сутунҳои бетонии замонавӣ иваз карда шуда, таъминоти барқ беҳтар шудааст. Бо шарофати ҳамбастагии аҳолӣ 3 км. роҳҳои дохилӣ дар доираи лоиҳаи «Бусҷаи ташаббускор» асфалтпӯш карда шуд.

Дар маҳалла коргоҳҳои хурд ва шохобчаҳои хидматрасонӣ низ пайдо шудаанд. Дар ин ҷо ҷавонон касбҳои гуногунро меомӯзанд ва соҳибкории худро таъсис медиҳанд.

– Сиру асрори механики автомобилиро аз падарам омӯхта будам ва ҳоло бо ин касб машғулам, – мегӯяд Исломҷон Исоқҷонов. – Пештар барои омӯхтани касбу ҳунар ба маркази шаҳр рафтан лозим буд ва ин барои ҳама осон набуд. Дар маҳалла ҷавонони болаёқат бисёранд ва онҳо аз имкониятҳои додашуда истифода бурда қобилияти худро нишон медиҳанд ва ба рушд ва шукуфоии маҳалла хидмат мекунанд.

Фаъолияти занону духтарони косонсойиро алоҳида эътироф кардан лозим. Чунки дар ноҳия шумораи заноне, ки бо меҳнати ҷисмонӣ, пухтупаз ва истеҳсолоти хурд машғуланд, сол аз сол афзоиш меёбад. Ин илова бар афзоиши даромади оила, инчунин дар кишварамон ба тақвияти мавқеи занон хидмат мекунад.

– Ман бо меҳнати дастии худ касби дӯзандагиро оғоз кардам, – мегӯяд Васила Ҳомидова. – Бо гузашти вақт таҷриба омӯхтам, малакаи худро мунтазам такмил додам. Дар натиҷа, сехи хурди худро кушодам ва якчанд занони маҳаллаþро бо кор таъмин кардам. Ин сайъю кӯшиши ман даромади оилаамонро боз ҳам беҳтар кард.

Мардум мисли пештара дигар мунтазири касе нестанд, ки омада мушкилотро ҳал кунад. Акнун ташаббус, амал ва масъулият дар авҷ. Хусусан, дар маҳаллаҳо тағйирот дар зеҳни одамон ташаббусҳои навро ба вуҷуд меорад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**



*Алъон дар маҳалла 300-то гармхона мавҷуд. Бинобар офарида шудани имкониятҳо аз ҷониби давлат ва ташаббускории аҳолӣ гармхонаҳо ба манбаи асосии даромад табдил ёфтаанд.*

*Дар 10,7 гектар майдони корпоратсияи «Зулол миришкор деҳқонлар», ки дар замини санглох ташкил ёфтааст, бодиринг, помидор ва кӯчат парвариш меёбанд. Дар ин ҷо 61 нафар ҷавонон меҳнат мекунанд.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***



*Дар маҳаллаи Зулоли ноҳияи Олтиариқи вилояти Фарғона дар асоси тамоюли «Як контур – як маҳсулот» корҳои муҳим оиди таъмини шуғли аҳолӣ, кор бо шаҳрвандоне, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд ва расонда додани маҳсулоти экспортбоб пеш бурда мешаванд.*

*Андешаҳо*

***Мушоҳидакорӣ хоси инсон аст. Мо беистиҳола гуфта метавонем, ки як қисми умри мо бо мушоҳида кардани рафтори одамон ва муносибати байни онҳо мегузарад. Мушоҳидаи обу ҳаво, инчунин гармо ва сармои аномалӣ, муносибати байни одамон, моро нигарон мекунад.***

# МЕЪЁРҲОИ ОДОБУ АХЛОҚ ТАЛАБОТИ АСОСИИ ҶОМЕА МЕБОШАНД

Албатта мушоҳидакорӣ кори хуб аст, танҳо дар он ҳоле, ки аз он хулосаи дуруст барорем ва он ба ҷамъияту табиат фоидаовар бошад...

Имрӯз дар саросари мамлакатамон корҳои бунёдкорӣ бо суръати баланд идома дорад. Биноҳои баландошёна, нуқтаҳои хизматрасонӣ, истироҳатгоҳҳои замонавӣ нафақат дар маркази вилоятҳо, балки дар шаҳру ноҳияҳо бунёд гардида, ба зебоии он меафзояд. Аммо пешрафтро танҳо бо бинои нав ё кӯчаҳои васеъ арзёбӣ кунем, дуруст намешавад, дар асл қиёфаи воқеии ҷамъият аз фарҳанги зиндагонии мардум, рафтори онҳо дар ҷойҳои ҷамоатӣ ва муносибати байниҳамдигарии онҳо муайян мегардад. Мутаассифона, дар ин самт ҳолатҳои нигаронкунанда кам нестанд.

Гоҳо дар роҳу растаҳо манзараҳои хиҷолатомез ба чашм мерасанд: ронандагоне ҳастанд, ки ойнаи мошинро кушода, партовҳои гуногун, зарфҳои пластикӣ ё боқимондаи сигор ё носро бе ҳеҷ андеша ба кӯча мепартоянд. Баъзе пиёдагардон бошад, ба ҷойи истифодаи гузаргоҳи махсус, ҳатто дар ҷойҳои хатарнок, аз байни роҳе, ки мошинҳо ҳаракат доранд, мегузаранд. Ё ҳангоми ба вуҷуд омадани роҳбандӣ баъзе ронандагон ба ҳатти муқобили ҳаракат мебароянд ё кӯшиш мекунанд бе навбат гузаранд. Дар натиҷа, ба ҷойи сарфаи вақт, роҳбандии боз ҳам калонтар ва ҳатто вазъиятҳои хатарнок ба вуҷуд меоянд.

Дар асл, риояи чунин қоидаҳо, боз содатар гӯем, меъёрҳои ахлоқӣ, ки он фарҳанги ботинии шахсро муайян менамояд, душвор нест. Мо он чизе, ки барои худамон, фарзандон ва оилаамон мехоҳем ва онро ба хешу табор, атрофиён, гузашта аз ин ба ҳамватанон раво бинем, ҳамин кофӣ асту халос.

Тибқи ҳадисе, ки Анас (р.а) ривоят менамояд, паёмбарамон Муҳаммад (с) амалҳоеро, ки ба одамон зарар мерасонанд, аз ҷумла туф кардан ба об, ё роҳу растаҳо, олуда кардани замин, ки ба мо неъматҳои бешумор додааст, манъ кардаанд. Албатта, ин бесабаб нест, чунки чунин амали номатлуб микроб ва инфексияҳоро пайдо карда, метавонад боиси бемориҳои ҷиддӣ гардад.

Мувофиқи қонунгузории мо, ба шахсоне, ки меъёрҳои ахлоқиро вайрон мекунанд, ҷазои маъмурӣ дода мешавад ва бештар дар ҳолатҳое, ки дар боло қайд кардем, мувофиқи тартиби муқарраршуда ҷарима ситонида мешавад.

Вақте ки сухан дар бораи фарҳанги ботинӣ меравад, муомилаи хуш бо дигарон, худдорӣ намудан дар ҷойи ҷамъиятӣ ва ё ки риоя ба анъанаҳои чандасраи қадима, ки барои гузаштагони мо арзиши баланд дошт, дар назар дошта мешавад. Аммо муҳимтарин нишонаи фарҳанги ботинӣ он аст, ки инсон вақте касе ӯро назорат намекунад, қоидаҳоро риоя кунад. Ба кӯча напартофтани партов, эҳтироми дигарон ҳангоми навбатпоӣ, ҳифзи моликияти ҷамъиятӣ ва риояи қоидаҳои ҳаракати роҳ низ ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги ботинӣ мебошанд.

Ҳар рӯз роҳи ман тариқи яке аз мавзеъҳои ноҳияи Яшнободи пойтахт мегузарад ва дар ин гармо кормандони ободонии пойтахтро ҳамеша сари кор мебинам. Онҳо гирду атрофро рӯбучин карда, партовро ҷамъ меоваранд.

Дохилу атрофи ҷӯйбору нишастгоҳҳои назди биноҳои бисёрошёна бошад, то рӯзи дигар боз аз коғазпора, зарфҳои яхмосу халтаҳои пластикӣ, дастмолҳои якдафъаина ва памперсҳо пур мешаванд... Агар кормандони ободонӣ ин корро чанд рӯз қатъ намоянд, ҳолати санитарии ин мавзеъҳо чӣ гуна ранг мегирифта бошад? Он гоҳ майдону кӯчаҳо пур аз партов гашта, бактерияи касалиҳои сирояткунанда осон паҳн мешаванд.

Ҳарчанд кормандони соҳаи ободонӣ хизмати босифат пешниҳод мекунанд ва дар телевизион ва шабакаҳои иҷтимоӣ зарурати тоза нигоҳ доштани муҳити атроф таблиғ мешавад, баъзе одамон партовҳоро дар кӯчаҳо, куҷое, ки мехоҳанд мепартоянд. Ин рафтор на танҳо намуди зоҳириро вайрон мекунад, балки нисбати ҷомеа беэҳтиромӣ низ мебошад.

Тавре ки ҳар як меҳнат дар ҷамъиятамон қадр карда мешавад, мо бояд кори кормандони ободониро қадр намоем, ҳамчун инсон ва узви ин ҷомеа партовро ба ҷойҳои мувофиқ партофта, кори онҳоро осонтар кунем.

Маълум, ки мардуми кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бо одатҳои бо эҳтиром нигаристан ба вақти худ ва вақти дигарон, тоза нигоҳ доштани гирду атроф, риояи қатъии қоидаҳои ҳаракати роҳ ва ба кору фаъолият бо масъулияти нигаристан машҳуранд. Албатта, ин одатҳо дар натиҷаи таълиму тарбияи босифат, назорати ҷамъиятӣ ва волоияти қонун ташаккул ёфтаанд.

Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса бояд кард, ки мо ба қоидаҳои ҳаракати роҳ, фарҳанги экологӣ ва меъёрҳои одобу ахлоқ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ на танҳо барои ҷомеа, балки барои он ки ба бехатарӣ ва некӯаҳволии худамон низ муфид аст, риоя намоем. Агар ҳар як шаҳрванд бо дарди ҳамватанон зиндагӣ кунаду барои сабук гардондани бори вазнини зиндагии онҳо кӯшиш намояд, ҷомеае, ки ӯ ба сар мебарад, ба як ҷомеаи мукаммал табдил меёбад. Барои ин, инсон бояд аз одатҳои бад даст кашад, хислатҳои воқеан инсониро азхуд намояд, ростқавлу масъулиятшинос бошад. Танҳо дар он сурат оилаҳо, маҳаллаҳо ва тамоми кишвар боз ҳам осуда ва шукуфон хоҳанд шуд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Тарбияи фарзанди ватандӯст аз оила оғоз меёбад ва бо ҳифзи Ватан камол меёбад. Қадршиносии падаре, ки чунин фарзандро ба воя расонидааст, дар асл арҷгузорӣ ба арзишҳои муқаддаси оила, меҳанпарастӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад. Маросими тақдими нишони сарисинагии «Ба падари муҳофизи Ватан» ба Халос Тағоев дар ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ боз як далели равшани он аст, ки ҷомеа имрӯз хидмати волидони тарбиятгарро баланд арзёбӣ мекунад.***

# ФАРЗАНДИ ХУБ – БОҒИ ПАДАР ВА СИПАРИ ВАТАН

Агар хоҳӣ Ватан обод бошад, аввал оиларо обод соз – ин ҳикмати халқӣ имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст. Оила нахустин мактаби инсон аст ва маҳз дар ҳамин муҳит меҳри Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, садоқат ба халқу давлат ва масъулиятшиносӣ шакл мегирад. Ҷомеае, ки ба заҳмати падару модар эҳтиром мегузорад, барои тарбияи насли солиму худогоҳ заминаи устувор фароҳам меорад.

Дар ҳамин рӯҳия дар муассисаи давлатии таълими томактабии рақами 17-уми ноҳияи Нурато маросими тантанавӣ бахшида ба қадрдонии падари лейтенанти калон Мансур Тағоев – Халос Тағоев баргузор гардид. Бо иштироки фаъолони маҳалла, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, падару модарон, ҷавонон ва тарбиятгирандагони кӯдакистон ба ӯ нишони сарисинагии «Ба падари муҳофизи Ватан» супурда шуд.

Ин маросим танҳо як чорабинии тантанавӣ набуд. Он ба минбари андешаронӣ дар бораи масъулияти оила дар тарбияи фарзанд, нақши падару модар дар ташаккули шахсияти ҷавонон ва аҳамияти ҳифзи сулҳу суботи кишвар табдил ёфт.

Омӯзгори собиқадор Рашид Имомназаров аз рӯзгору фаъолияти ибратбахши Халос Тағоев ёдовар шуда, таъкид намуд, ки ҳар як дастоварди фарзанд пеш аз ҳама самараи тарбияи падару модар аст. Ба гуфтаи ӯ, оилаи Х. Тағоев ҳамчун яке аз оилаҳои намунавии маҳаллаи «Каттасой» бо меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ ва тарбияи фарзандони соҳибмаърифат миёни мардум обрӯи баланд дорад.

Муҳофизи Ватан дар қисми ҳарбӣ ба камол намерасад, балки дар оғӯши оила, дар тарбияи падару модар ва дар фазои меҳру муҳаббат ба Ватан шакл мегирад, – таъкид гардид дар ҷараёни ҳамоиш. Ин андеша воқеияти ҷомеаи имрӯзаро бозгӯ мекунад.



Лаҳзаи таъсирбахши чорабинӣ супоридани нишони сарисинагии «Ба падари муҳофизи Ватан» аз ҷониби раиси маҳаллаи «Каттасой» Орзумурод Рӯзиев ба Халос Тағоев буд.

Ин қадршиносӣ рамзи эҳтиром ба падарест, ки бо заҳмати ҳалол ва тарбияи дуруст фарзандеро ба камол расондааст, ки имрӯз дар сафи муҳофизони Ватан хизмати содиқона анҷом медиҳад.

Дар идомаи чорабинӣ омӯзгори businessнишаста Суяр Ҳайдаров, директори мактаби рақами 43 Нурулло Солеҳов, рӯзноманигор Фаридун Йӯлдошев ва дигарон доир ба аҳамияти тарбияи ватандӯстӣ, масъулияти ҷавонон дар назди ҷомеа ва нақши муҳофизони Ватан дар таъмини сулҳу оромӣ суханронӣ карданд.

Кӯдакони кӯдакистон бо либосҳои ҳарбӣ машқҳои варзишӣ ва барномаҳои саҳнавӣ намоиш дода, духтарон бо рақсу сурудҳои дилнишин фазои идонаро ранги тоза бахшиданд.

Имрӯз қадршиносии падароне, ки фарзандони содиқу меҳанпараст тарбия мекунанд, ба як анъанаи нек табдил ёфтаистодааст. Ин гуна чорабиниҳо ҷомеаро ба он раҳнамун месозанд, ки тарбияи фарзанд масъулияти муштараки оила, мактаб ва ҷомеа мебошад.

Беҳуда нест, ки халқ мегӯяд: «Фарзанди хуб – боғи падар». Агар ин фарзанд бо садоқат марзу буми Ватанро ҳифз кунад, он боғ меваи пурбор медиҳад. Халос Тағоев ва дигар падароне, ки чунин фарзандонро ба камол расонидаанд, бо амали худ исбот мекунанд, ки ватандӯстӣ пеш аз ҳама дар муҳити оила парвариш меёбад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Нишасти матбуотӣ*

# ҶАШНВОРАЕ, КИ ДӮСТИРО ТАРАННУМ МЕКУНАД

***Ба муносибати Ҷашнвораи байналмилалии «Дӯстӣ» дар Маркази матбуоти миллии Ўзбекистон нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ роҳбарияти Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ, намояндагони марказҳои миллӣ-фарҳангӣ, ҷамъиятҳои дӯстӣ ва Иттиҳоди шаҳрҳои бародар иштирок карданд. Дар чорабинӣ оиди ташаббусҳое, ки ба таҳкими минбаъдаи фазои сулҳонаи байнимиллӣ ва таҳаммулпазирӣ, рушди муносибатҳои дӯстона байни миллатҳо, дастгирии фаъолияти марказҳои фарҳангии миллӣ ва густариши дипломатияи мардумӣ нигаронида шудаанд, мубодилаи афкор сурат гирифт. Дар конфронс ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии ҷашнвора, ки тибқи барномаи он баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ-маърифатӣ, илмӣ-амалӣ ва оммавӣ ба нақша гирифта шудааст, инчунин маълумоти муфассал дар бораи мундариҷа ва моҳияти онҳо пешниҳод карда шуд. Раиси кумита Қ. Сариев зимни суханронӣ иштирокчиёни конфронсро бо 30-июл – Рӯзи дӯстии халқҳо табрик гуфта, таъкид кард, ки фестивали «Дӯстӣ», ки ҳамасола бо ташаббуси Президент ташкил карда мешавад, як платформаи муҳими маънавӣ ва таълимӣ мебошад, ки барои боз ҳам тақвият додани фазои сулҳонаи байнимиллӣ ва таҳаммулпазирӣ, ки дар кишвари мо барқарор шудааст, афзоиши эҳтироми мутақобила, эътимод ва ҳамбастагӣ байни намояндагони миллатҳо ва гурӯҳҳои гуногуни этникӣ, инчунин рушди робита бо ҳамватанони бурунмарзӣ хидмат мекунад.

Қайд шуд, ки омодагиҳои шадид барои чорабиниҳои фестивали «Дӯстӣ» идома доранд ва барномаи консертии «Оҳангҳои дӯстӣ», намоишгоҳи аксҳои «Ўзбекистон – сарзамини таҳаммулпазирӣ», намоишгоҳ-ярмаркаи ҳунарҳои дастии «Аз оғӯши Ватан», дар бораи баргузории чорабиниҳо ба монанди «Форуми бародарӣ», чорабиниҳои фарҳангӣ ва таълимӣ дар мавзӯи «Дӯстӣ аз кӯдакӣ» дар фароғатгоҳҳои тобистонаи кӯдакон ва конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ваҳдати миллӣ – қувваи пешбарандаи рушди Ўзбекистони Нав» маълумот дода шуд.

Ҳамчунин қайд шуд, ки яке аз чорабиниҳои асосии ҷашнвора «Форуми шаҳрҳои бародар» мебошад, ки бори аввал дар шаҳри қадима ва ҷавони Самарқанд 24-25 июл баргузор мегардад ва дар он аз 30 кишвари ҷаҳон тақрибан 100 меҳмони хориҷӣ, олимон ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ иштирок мекунанд.

Дар конфронс дар бораи нақши фестивал дар таблиғи васеи ғояҳои ҳамоҳангии байнимиллӣ ва таҳаммулпазирӣ, минбаъд тақвияти фазои эҳтироми мутақобила ва ҳамбастагӣ дар ҷомеа мубодилаи афкор сурат гирифт. Ҳамчунин, як гурӯҳ рӯзноманигорон ва блогерҳо, ки барои таблиғ ва тақвияти ҳамбастагии миллӣ дар ҷомеа хидмат мекунанд, қадрдонӣ ва бо тӯҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида шуданд.

– Фестивали «Дӯстӣ» ба таври васеъ намоиш додани мероси ғании фарҳангӣ, расму оин ва анъанаҳои намояндагони миллатҳо ва гурӯҳҳои гуногуни қавмӣ, ки дар кишвари мо зиндагӣ мекунанд, тақвияти ҳамоҳангии байнимиллӣ ва татбиқи принсипи «Ўзбекистон хонаи умумии мост» платформаи муҳимест, ки ҳамчун татбиқи мунтазам хидмат мекунад. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки кишварҳо ва мардумони гуногун ба ҳамдигар ҳарчи бештар ниёз доранд, таҳкими дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ аҳамияти хосса касб мекунад. Ҷашнвора яке аз чорабиниҳои муҳими фарҳангӣ мебошад, ки ба таҳкими сулҳ, ваҳдат ва ҳамкории байни халқҳо мусоидат мекунад, – таъкид намуд зимни суханронӣ раиси Маркази миллӣ-фарҳангии корейсҳо Пак Виктор.

Ҳадафи асосии ин ҷашнвора наздик намудани мардумони миллатҳои гуногун, муаррифии фарҳанг, расму ойин, санъат ва анъанаҳои миллӣ мебошад. Дар доираи он намоишҳои фарҳангӣ, барномаҳои консертӣ, намоишгоҳҳои ҳунарҳои мардумӣ ва мулоқоту ҳамоишҳои дӯстона баргузор мегарданд.

– Нақши ҷавонон дар чунин ҷашнвораҳо хеле муҳим аст. Иштироки фаъолонаи онҳо дар барномаҳои фарҳангӣ ва мубодилаи таҷриба бо ҳамсолони кишварҳои дигар ҷаҳонбиниро васеъ намуда, эҳтиром ба фарҳангҳои гуногун ва арзишҳои инсондӯстонаро тақвият мебахшад. Дӯстӣ миёни ҷавонони имрӯз метавонад асоси ҳамкории устувори давлатҳо дар оянда гардад. Дар маҷмӯъ, Ҷашнвораи «Дӯстӣ» на танҳо як чорабинии фарҳангӣ, балки воситаи муҳими таҳкими сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии осоишта мебошад. Бо густариши чунин ташаббусҳо метавон робитаҳои байни халқҳоро боз ҳам мустаҳкам намуда, дар тарбияи насли дӯстдорони сулҳу ваҳдат саҳми арзанда гузошт, – гуфт ҳангоми суҳбат раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ Г. Субҳонова.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ДАР ЧОРСӮЙИ ИЛМУ ЭҶОД

Дар фазои адабиву илмии тоҷикони Ӯзбекистон имрӯз номҳое ҳастанд, ки бо заҳмати пайгирона, ҷустуҷӯҳои пайваста ва эҷодиёти серпаҳлуи худ ҷойгоҳи хос касб кардаанд. Яке аз чунин шахсиятҳо адиб, рӯзноманигор, омӯзгор ва муҳаққиқ Ҳикмат Султонзода мебошад, ки роҳи зиндагии худро ба каломи бадеъ, маърифат ва тарбияи насли нав бахшидааст.

Роҳи Ҳикмат Султонзода аз деҳа то донишгоҳ хеле тӯлонист. Вай 30 июли соли 1973 дар деҳаи Сойихурди ноҳияи Нурато ба дунё омадааст. Муҳити деҳот – одобу анъанаҳои мардумӣ ва забони модарӣ, дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ нақши муҳим гузошт. Аз айёми кӯдакӣ ба сухан, шеър ва нақлҳои бузургсолон шавқу рағбати хос дошт.

Яке аз хонандаҳои фаъоли мактаби миёнаи рақами 30 ва 43-юм буд. Ҳанӯз дар ҳамин давра нишонаҳои нахустини истеъдоди адабиаш падидор шуданд: шеърҳои аввалин ва талошҳои ҷиддӣ барои ифодаи фикр.

Соли 1991 ӯ ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе дохил мешавад. Ин марҳила дар ташаккули илмӣ ва адабии ӯ аҳамияти сарнавиштсоз дошт. Муҳити донишгоҳ, устодони соҳибтаҷриба ва дастрасӣ ба мероси адабии классикӣ ҷаҳонбинии ӯро васеъ намуда, ба роҳи илму эҷод раҳнамун сохт.

Пас аз хатми донишгоҳ Султонзода фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун омӯзгор дар мактаби рақами 30 сар мекунад. Ин давра барои ӯ на танҳо таҷрибаи касбӣ, балки мактаби зиндагӣ буд. Кор бо хонандагон, дарки масъулият ӯро ба ҷустуҷӯйи бештар водор намуд.



Соли 1998 ба нашриёти «Ӯзбекистон»-и пойтахт ба кор гузашт. Дар ин ҷо фаъолияти ӯ тадриҷан рушд кард, аввал дар вазифаи мусаҳҳеҳ, баъдан муҳаррир ва ниҳоят мудири шуъбаи тоҷикии нашриёт. Ин шуъба ба тасҳеҳ, тарҷума ва таҳрири китобҳои дарсӣ машғул буд. Кори ноширӣ барои Султонзода мактаби дигар гардид.

Маҳз дар ҳамин муҳит ӯ таҷрибаи ғании таҳрир ва тарҷума андӯхта, бо масъалаҳои рушди забони адабӣ ва таҳияи китобҳои таълимӣ аз наздик ошно гардид. Бо тақозои тақдир боз ба зодгоҳ бармегардад ва чанд муддат фаъолияти омӯзгориро идома медиҳад. Ин бозгашт, ба гунае, пайванди ӯро бо решаҳои миллӣ ва муҳити аслии забон мустаҳкамтар кард. Дар ҳамин давра низ аз эҷод дур намемонад, таҷрибаи зиндагии деҳот ба осораш ранги тоза мебахшад.

Имрӯз ӯ узви Иттиҳоди рӯзноманигорони ҷумҳурӣ ва Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон мебошад. Осори адабиаш дар чанд маҷмӯа, аз ҷумла, «Бозгашти Ҳикмат», «Сеҳри сухан», «Авҷи Ҳикмат» ва «Ганҷи Ҳикмат» ба дасти мухлисони каломи бадеъ расидааст.

Ин маҷмӯаҳо шеъру тарона, ғазалу рубоӣ ва дубайтиҳоро дар бар мегиранд. Эҷодиёташ ҳам дар шакли назм ва ҳам наср сурат мегирад. Дар назм бештар ба мавзӯъҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ишқ ва худшиносӣ рӯ меорад. Насри ӯ аз суханҳои ҳикматнок то ҳикояҳои ҳаҷвиро фаро мегирад.

Аз соли 2021 ӯ фаъолияти худро дар Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ идома медиҳад. Ҳамчун муаллими калон дар гурӯҳҳои тоҷикӣ кор мекунад.

Вай ба ғайр аз машғулиятҳои дарсӣ бо шогирдон маҳфили адабии «Эҷодкори ҷавон»-ро ба роҳ мондааст, ки сол то сол самараи нек медиҳад. Аз ҳаводорони рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Ховар» ва маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» аст. Вақте доир ба матбуоти тоҷики кишварамон ва маданияти мутолиа бо ӯ суҳбат мекунед, гоҳ-гоҳ ба дард ҳарф мезанад. Аз он месӯзад, ки имрӯз баъзе ҳамзабонон ин минбарҳои суханро ба таври бояду шояд дастгирӣ намекунанд, китобу рӯзнома намехонанд.

Ҳикмат ба корҳои илмӣ низ ҷиддан машғул аст. Вақтҳои охир фаъолияти илмии ӯ ба таври назаррас густариш ёфтааст. Солҳои охир чанд китоби дарсӣ ва васоити таълимиро барои донишгоҳҳо ва мактабҳо таҳия ва нашр намуд. Ин китобҳо ҳам ба таври инфиродӣ ва ҳам дар ҳаммуаллифӣ омода шудаанд. Аз ҷумла, асарҳои илмии ӯ – «Дар чорсӯйи илм ва эҷод» (Тошканд, «Фирдавс-Шоҳ», 2025) ва «Баъзе вижагиҳои осори Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ» (Тошканд, «Зебопринт», 2026) чоп шудаанд. Дар баробари ин, зиёда аз 30 мақолаи илмии ӯ дар маҷаллаҳои дохиливу хориҷӣ ва маҷмӯаҳои конфронсҳои байналмилалӣ ба дасти нашр расидаанд.

Гуфтан бамаврид аст, ки айни ҳол ӯ дар арафаи дифои рисолаи илмии худ дар мавзӯи «Ҷустуҷӯҳои бадеиву услубӣ дар эҷодиёти адибони ӯзбеку тоҷик дар асрҳои XVIII–XIX» қарор дорад. Ин мавзӯъ робитаҳои адабии ду миллатро баррасӣ мекунад.

Навиштаҳои Ҳикмат Султонзода пайваста дар маҷаллаҳои «Забон ва адабиёт», «ӮзМУ» ва рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Ховар» ва маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» ба нашр мерасанд. Ин ҳузури фаъол дар матбуот нишон медиҳад, ки ӯ на танҳо эҷодкор, балки иштирокчии фаъоли ҳаёти фарҳангист.

Намунаҳои эҷоди вай тавассути китобҳои Юнуси Имомназар («Гули санг», Тошканд, «Тамаддун», 2020), Аслиддин Қамарзода (Донишнома – тазкираи суханварони тоҷики Ӯзбекистони асри XX – ибтидои асри XXI, Самарқанд-Душанбе, 2023), Абдукарим Шарифов, Илҳом Юсуфов («Меҳрнома», баёзи эҷодкорони Ҷиззах ва Суғд, Самарқанд, «Маҳорат» 2022), китоби дастҷамъии мураттиб Иброҳими Наққош («Сафинаи сухан», Душанбе, «Эр-граф», 2022) низ ба дасти мухлисони илму адаб расидаанд.

Бояд гуфт, ки яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти ӯ тарҷума ва таҳрири китобҳои дарсӣ мебошад. Ин кор на танҳо дониш, балки масъулияти бузурги забонӣ ва маънавиро талаб мекунад. Алҳол дар мактабҳои миёна аз тарҷумаи китобҳои дарсии вай истифода мебаранд.

Ба наздикӣ маҷмӯаи омӯзишии ӯ бо номи «Адабиёти бачагона» ба нашр расид. Ин китоб аҳамияти махсус дорад, зеро дар он на танҳо осори кӯдаконаи адабиёти классикӣ, балки асарҳои нависандагони муосири тоҷики Ӯзбекистон низ ҷой дорад.

Дар замоне, ки арзишҳои маънавӣ ба дастгирӣ ниёз доранд, чунин шахсиятҳо чун Ҳикмат Султонзода чароғи роҳанд – роҳе, ки ба сӯйи маърифат, фарҳанг ва худшиносӣ мебарад.

Султонзода дар оила низ инсони хушбахт буда, соҳиби се нафар фарзанд аст. Ховар (хатмкардаи факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгори Ҷиззах), Ёвар (хатмкардаи факултаи телекоммуникатсияи Донишгоҳи ахбору технологияи Тошканд) буда, дар соҳаи тахассусии худ фаъолият мекунанд. Фарзанди хурдӣ донишҷӯйи Донишгоҳи журналистикаи Тошканд мебошад. Ин далел гувоҳи он аст, ки муҳити маънавӣ ва фарҳангии оилавӣ низ дар идомаи роҳи илм ва эҷод нақши муҳим дорад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

---

***Абдулазиз Бегмаҳмадов соли ҷорӣ синфи 7-умро хатм намуд. Ҷавони ботамкину бомулоҳиза ва меҳнатдӯст мебошад. Аз ҳамаи фанҳо баҳои хубу аъло мегирад. Истеъдоди баланди ҳифзу хониши шеърро дорост. Дар ҳамаи тадбирҳо фаъол аст.***

# МУНОСИБИ НОМИ ХУД



Ба ғайр аз ин пайваста дар дарсҳои иловагии фанни математика фаъолона ширкат меварзад. Аъзои ҷамъияти ҷавонони аз ҷиҳати ҷисмонӣ иқтидорашон маҳдуд аст. Шоҳмотро дӯст медорад ва маҳорати худро дар миқёси мактабу ноҳия ва ҳатто вилояту ҷумҳурӣ нишон додааст. Ӯ муносиб ба номи худ амал менамояд ва ба қавле ҷавони «серқирра» аст.

Моҳи июни соли ҷорӣ дар байни ҷавонони аз 7 то 17-сола аз тарафи ҷамъияти маълӯлони ноҳияи Бӯка мусобиқаи шоҳмот гузаронида шуд. Дар он Абдулазиз ҷойи 1-умро соҳиб гашта, ба зинаи вилоятӣ роҳхат гирифт.

Зинаи вилоятӣ дар доираи 5 ташаббус, таҳти шиори «Дунёи рангҳои мафтункор» ба амал омад.

Дар озмун аз 22 ноҳия ва шаҳр 12 нафар маҳорати худро нишон доданд. Абдулазиз ҷойи якумро ба даст овард ва соҳиби дипломи туҳфаҳои хотиравӣ гашт. Табиист, ки барои иштирок дар озмуни навбатии ҷумҳуриявӣ ҳуқуқ пайдо намуд.

Бо ҳамкории Вазорати адлия ва Ҷамъияти маълӯлони Ӯзбекистон аз 17 то 19-уми июли соли ҷорӣ даври ҷумҳуриявӣ дар истироҳатгоҳи «Алмос»-и ноҳияи Бустонлиқ доир гашт.

Сарпарасти озмун фонди хайрияи ба номи Мираброр Усмонов буда, ба дараҷаи зарурӣ хидмат намуд. Инҷо мавриди қайд аст, ки бо дастгирии сарпарастон иштирокчиёни озмун бо ҳамроҳи падар ва модарон се рӯз ба таври ройгон истироҳат намуданд. Дар он аз ҳамаи вилоятҳо 12-нафар шоҳмотбозони ҷавон маҳорати худро нишон доданд. Хушбахтона дар ин озмун боз Абдулазиз сазовори ҷойи якум гашт. Устодон ва хонандагони мактаби рақами 9 бо Абдулазиз ифтихор менамоянд ва мудом ба ёрии ӯ шитофта, шароити мусоид фароҳам меоранд.

Умед аст, ки ӯ дар оянда ҳамчун шоҳмотбози моҳир дар миқёси ҷаҳон низ маҳорати худро нишон медиҳад.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омӯзгори мактаби**
**рақами 9-уми**
**ноҳияи Бӯка.**

---

*Зикри хайр*

# ХАЗИНАИ ПИНҲОНИ ДИЁР

***ё худ мактаби ибрати шайх Саййид Носирхон***

***Дар таърихи ҳар як миллат бузургоне ҳастанд, ки бо амалҳои солеҳ, заҳмати беминнат ва қалби саршори муҳаббат ба Ватан ба виҷдони зиндаи халқ мубаддал мегарданд. Аз зумраи чунин шахсиятҳои барҷаста, ворисi муносиби аҷдоди бузург ва давомдиҳандаи сулолаи Тирмизиён, шайх Саййид Носирхон Эшонбобо (Носирхон Тӯрақулов) буданд. Мавсуф умри бобаракати худро пурра ба хидмати халқу диёр бахшида, дар синни муборaки 102 (30-юми июни соли 2026) амонати худро ба Ҳақ супориданд.***

Ҳазрати Шайх Саййид Носирхон Тӯра дар ҷодаи сулук ва тариқат аз силсилаи Хоҷагони Нақшбандия баҳравар буда, илму иршодро аз Пири комил Эшони Қурбонҷони Бойсунӣ гирифтаанд. Бо риояи усули тиллоии таълимоти Нақшбандия – «Даст ба кору дил ба ёр» эшон ҳамеша парҳезкорию тақворо пешаи худ сохтаанд.

Носирхон Эшонбобо соҳиби маълумоти олии соҳавӣ буда, Донишкадаи давлатии кишоварзии Тоҷикистонро бо ихтисоси агроном хатм карда буданд. Пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, эшон дониши назариявӣ ва таҷрибаи амалии худро ба кор бурда, дар адирҳои лалмӣ ва бееоби деҳаи Тоғчии кӯҳистони ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё хоҷагии фермериеро таъсис доданд ва бо нияти нек онро «Боғу бӯстон» номиданд.

Бо шуҷоату заҳмати бениҳоят, ин мӯйсафеди боғайрат ба 300 гектар адиру теппаҳои хушку ташна об бароварда, боғҳои доманадор бунёд намуданд. Имрӯз аз ин боғҳо анвои мухталифи меваҷот ба дасторхони мардуми кишвар ва берун аз он оварда мешавад. Ин меҳнати камназири эшон аз ҷониби ҳукумат ва Президенти мамлакат баланд қадрдонӣ шуд. Эшон дар озмуни ҷумҳуриявии «Ташаббус» сазовори ҷойи аввал ва соҳиби мукофоти Президент – автомобили сабукрав гардидаанд.

Барандаи Мукофоти давлатии ба номи Берунӣ, профессори илмҳои кишоварзӣ Аваз Авлиёқулов қайд карда буд, ки усули боғдории Носирхонҳоҷӣ дар шароити камоб ва теппаҳои кӯҳӣ бояд дар донишгоҳу коллеҷҳои кишвар ҳамчун як дастури муҳими таълимӣ омӯзонида шавад. Ҳатто боғдорони Туркия, аз ҷумла, роҳбарони ширкатҳои ниҳолпарварии вилояти Измир ва шаҳри Бурса Ҷаҳит Пишкин ва Оқтай Чанҷӣ, пас аз дидани ин боғҳо ба ҳайрат омада, онро як муъҷизаи воқеӣ дар рӯйи замин номиданд.

Носирхонҳоҷӣ тамоми даромади бадастовардаи худро аз боғдорӣ барои корҳои хайру эҳсон сарф мекарданд, ба хонаҳои меҳрубонӣ, ятимону бепарасторон ва оилаҳои ниёзманди маҳалла кӯмак мерасонданд. Ҳар сол «сайри тут» ташкил намуда, дар арафаи идҳои Наврӯз, Рамазон ва Қурбон хайрияҳои калон анҷом медоданд.

Дар деҳаи Тоғчӣ таҳти сарпарастии бевоситаи ин инсони шариф мактаби нав, пулҳо сохта шуданд, роҳҳо асфалтпӯш гардида, хати оби ошомиданӣ ва газ кашида шуд. Яке аз амалҳои охирини бузурги бунёдкоронаи эшон пеш аз маргашон – дар деҳа сохтани бинои муосири табобатӣ ва хидматрасонии тиббӣ аз ҳисоби маблағи шахсии худ ва ба таври ройгон тақдим намудани он ба иттиҳодияи тиббии ноҳия мебошад.

Шахсияти Носирхонбобо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва эҳтироми хоси аҳли илму адаб қарор дошт. Қаламии тавонои адибон ва қаҳрамонони халқ дар васфи эшон чунин нигоштааст:

«Вақте ман Носирбобои сариосиёиро мебинам, сират ва тинати мутафаккири бузург Мир Алишер Навоӣ дар назарам ҷилвагар мешавад». (Абдулло Орипов, Қаҳрамони Ӯзбекистон, Шоири халқии Ӯзбекистон).

«Ба назарам, дар боғҳои Носирхонҳоҷӣ себҳоро фариштаҳо чида гузоштаанд... Дар ин ҷо осоиштагӣ ва файзе ҳаст, ки одам худро дар боғи афсонавӣ ҳис мекунад». (Худойбердӣ Тӯхтабоев, Нависандаи халқии Ӯзбекистон).

Раиси Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййид ба ин боғбони дилҳо шеъре бо номи «Боғ» бахшидааст.

Қаҳрамони дукаратаи ҷаҳон ва олимпиада оид ба бокс, фарзанди барӯманди Сариосиё Баҳодур Ҷалолов, ки ҳамеша ба зиёрати Носирхонбобо меомад, чунин мегӯяд: «Ман ҳар гоҳи ба Сариосиё омаданам ба назди Носирхон Эшонбобо мешитофтам ва аз дуову насиҳатҳои эшон оромии рӯҳ ва илҳоми нав мегирифтам».

Носирхон Эшонбобо соҳиби оилаи калон – 10 фарзанд, садҳо набераю абера ва чабераҳо буданд, ки имрӯзҳо дар дохил ва хориҷи кишвар таҳсил ва фаъолият намуда, ба рушди Ватан саҳм мегузоранд. Эшон ҳатто дар ин синни муборак мутолиаи китобро қатъ накарда, намунаи олии шиори «Зи гаҳвора то гӯр дониш омӯз» буданд. Рӯзгори шарафманди ин инсони заҳматкаш ва озода як мактаби ҳақиқии ҳаёт ва дарси ибрат барои насли ҷавон аст. Номи нек ва боғу бӯстони бунёдкардаи Сайид Носирхон Эшонбобо дар қалби халқ то абад зинда хоҳад монд.

**Фозилҷон ШУКУРӢ,**
**доктори фалсафа (PhD) оид**
**ба улуми суханшиносӣ.**

---



*Дар ноҳияи Конимехи вилояти Навоӣ оиди беҳтар намудани сифати хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва васеъсозии имкониятҳо ҷиҳати истифода аз хидматҳои замонавии тиббӣ корҳои муҳим пеш бурда мешаванд.*

*Айни замон дар сохтори тиббии ноҳия 63 нафар шифокорон фаъолият менамоянд. Ба аҳолӣ тавассути шуъбаи тиббии ноҳиявӣ, поликлиникаи оилавии бисёрсоҳа, ду поликлиникаи оилавӣ ва 10 нуқтаи тиббии оилавӣ хидмати тиббӣ расонда мешавад.*

*Дастгоҳи «Infokiyos» ба кор андохта шуда ва ба воситаи он беморҳо ба муассисаҳои тиббӣ нарафта худро ба навбат нависонда метавонанд.*

***Дар сурат:*** *дар муассисаи тиббии ноҳияи Конимехи вилояти Навоӣ.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ӮзА).***

---

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

## Ҳангоми варами гурда

Агар сирпиёз якҷоя бо сирко истеъмол карда шавад, варами гурдаро дафъ мекунад.

## Ҳангоми захми гурда

Ҳар рӯз 2–3 грамм тухми зағирро кӯфта, истеъмол кунед, аз захм ва ҷароҳати гурда раҳо мешавед.

## Барои нест кардани кайк

Ҷӯшобаи гиёҳи муғелон (оҳанхорак)-ро ба хона пошида, кайкро нест кардан мумкин.

## Ҳангоми хушк шудани даруни бинӣ

Агар даруни бинӣ хушк шавад, гиёҳи хурфаро фишурда, ба шарбати он равғани бодомро омехта, ба пешонӣ моле д.

## Ҳангоми бӯйи нохуши сӯрохҳои бинӣ

Равғани гулсафсар бӯйи нохуши сӯрохҳои биниро бартараф мекунад.

## Маҳкамшавии бинӣ

Дамкардаи сабуки бӯйимодарон ба маҳкамшавии бинӣ ва зуком фоида дорад.

## Ҳангоми хунравии бинӣ

Сари беморро каме ба пеш хам карда, дар даруни бинӣ пахта ва дар болои бинӣ чизи сард гузоред. Ба қафо хам намудани сар мумкин нест. Зеро дар ин ҳолат хун ба ҳалқ рафта, мумкин аст бемор онро фурӯ барад ва дар натиҷа қай кунад ё он роҳҳои нафасро банд намояд. Агар ин чора кумак накунад, беморро фавран ба муассисаи тиббӣ баред.

## Барои дароз кардани қад

50 грамм санҷидро дар якуним литр об камтар меҷӯшонанд. Сипас, онро аз дока гузаронида, ҳар рӯз баъд аз хӯрок дуқошуқӣ истеъмол намоед.

## Ҳангоми ҷоғар (зоб)

Тавре аён аст, дар таркиби хурмо йод мавҷуд ва он барои бемории ҷоғар (бӯқоқ) фоидаовар мебошад. Агар дар ҳавлии худ дарахти хурмо доред, барои ҷамъ овардани меваи он саросема нашавед. Зеро дар баргҳои он низ йод будааст. Агар баргҳои онро ҷамъ карда, хушк намоед, метавонед дар фасли дилхоҳи сол аз он чой дам карда бинӯшед.

## Агар дарди мафсил (буғум)-ҳо нороҳат кунад

Асал, хардали моеъ (горчица), намак ва содаро ба миқдори баробар гирифта, ба ҳам хуб омехта намоед. Ин омехтаро ба ҷойи дарднок ғафс молида, баъд пойи худро бо пахта ё рӯймоли пашмини мулоим печонед. Баъдан, бо дока печонида, 1-2 соат истироҳат кунед. Ин муолиҷаро низ монанди дигар тарбандӣ (компресс)-ҳо, пеш аз хоб тавсия мешавад. Шумо агар табобатро 4-5 маротиба такрор кунед, зудтар ба натиҷаи хуб ноил хоҳед шуд.

## Ҷамъ шудани намак дар мафосил (бандҳои устухон)

Агар дар буғумҳо намак ҷамъ шавад, як қошуқи чой тухми тару тозаи ҷаъфарӣ (петрушка)-ро майда карда, аз болои он ду пиёла оби ҷӯшон ҳамроҳ карда мешавад. Онро 8 соат дам дода, баъд аз дока мегузаронанд. Дар давоми 3-4 рӯз дар ҳар ду соат 2-3 қошуқӣ менӯшанд. Диққат! Барои занони ҳомила нӯшидани чунин маҳлул манъ аст.

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РӮЗИМАТОВ.**

Симо



# АҲДИ ПАЙМОН

## ё нигоҳе ба публисистикаи шоир Тӯхтамиш Тӯхтаев

***Адиби номӣ Тӯхтамиш Тӯхтаев мутахаллис ба Паймонро дар мамлакат ва берун аз он ҳамчун шоири хушбаён ва тавоно хуб мешиносанд. Қариб 50 сол аст, ки менависад ва то имрӯз беш аз даҳ маҷмӯаи хурду калони ашъораш, тарҷумаҳояш манзури китобхонон шудаанд. Шоири соҳибдевон аст. Ба шеъру шоирӣ садоқати беандоза дорад.***
***Дар бораи фаъолияти эҷодӣ, мазмуну муҳтавои ашъори шоир муҳаққиқон нуқтаи назар, андешаҳои худро баён кардаанд, ки ин, албатта, тасодуфӣ нест.***
***Аксар муштариён медонанд, ки Паймон дар ҷодаи адабиёт бо шеърҳояш ном баровcovarда, маҳбубият ва эътироф пайдо кардааст. Ӯ шеърро волотарин маҳсули ақоиду назари соҳибқалам медонад, ба он арзиши баланд медиҳад. Ба қавле, шеъру ғазал рози дили Паймон аст. Аммо дар ин мақола мо дар бораи ашъори вай баҳс намекунем. Паймон носир ҳам ҳаст, навиштаи мо доир ба ин паҳлуи эҷодиёти ӯст.***

Мавсуф аз моҳи августи соли 1982 дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» кору эҷод мекунад. Бояд зикр намуд, ки ӯ ба ин даргоҳи маърифат ва эҷод на бинобар нашри шеърҳо, балки баъди чопи як очеркаш ба кор даъват гардид.

Он чӣ очерке буд, ки маҷрои зиндагии як омӯзгори деҳаро дигаргун кард? Ба ин суол аз очерки «Тақдирҷунбон», ки дар бораи сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» – инсони меҳрубону шариф Шавкат Ниёзов мебошад, метавон ҷавоб ёфт. Бино ба эътирофи худи Паймон, то ин очерк ӯ барои рӯзнома ягон хабар ё мақолае нанавишта буд.

Баҳори соли 1982, дар он замоне, ки дар мактаби деҳаи азизаш – Синтоби ноҳияи Нурато аз забони форсӣ, забон ва адабиёти тоҷик дарс мегуфт, дар ӯ ногаҳон хоҳиши дар бораи фаъолияти омӯзгори фанҳои алгебра ва геометрия, собиқадори соҳаи маориф Қурбон Ҷӯраев мақола навиштан пайдо мешавад. Ҳамин тавр, аввалин навиштаи насрии шоир дар жанри очерк бо номи «Панди падар» дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ба табъ расида, боиси сару садо ва таҳсини ҳамдеҳагон мегардад.

Пас аз чанде, аниқтараш 12 майи соли 1982, аз номи сармуҳаррири рӯзнома Шавкат Ниёзов ба Паймон мактубе мерасад, ки он сипас дар сарнавишти ӯ нақши бузург мебозад. 20-уми май ӯ озими Тошканд мешавад.

«Аз ростӣ, ҳеҷ гумон надоштам, ки як очерки воқеан тасодуфан, ба як маънӣ раҳорах навишташуда, роҳи ҳаёти баъдинаамро баддин дараҷа куллан дигаргун мекунаду маро ба идораи рӯзнома кашонда, ба инсонҳои самимиву бузурге чун сармуҳаррири он Шавкат Ниёзов рӯ ба рӯ ва қарибу қарин месозад. Барои ин ҳама месазад, ки аз сарнавишти худ розӣ бошам, шукрона гӯям», менависад шоир дар «Тақдирҷунбон».

Ҳамин тариқ, муаллиф шукронаи замони кору эҷодро таҳти роҳбарии устод Ниёзов бо забони ширин баён намуда, дар хулоса менависад: «ман мувофиқи ваъда ва қарордод аввали августи соли 1982, ки он замон 27 сол доштам, ба идораи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик»-и кунунӣ) ба кор омадам ва то имрӯз, ҳарчанд нафақахӯрам, дар ин даргоҳи бароям ба ҳар маънӣ азизу муқаддас кор мекунам. Дар ин муддат мувофиқи қавлу қарор, бо дастгирии ин роҳбар ва инсони яксухан соҳиби хонаи худӣ, дар тӯли ду соли кор ба узвияти Иттифоқи журналистони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пазируфта ва баъдан бо дахолати бевоситаи ӯ узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон шудам, аз хабарнигори одии рӯзнома то ба вазифаи муҳаррири шуъбаи он расидам. Муҳимтар аз ҳама, тавре муаллим илтифоту пешгӯӣ карда, «ҳамааш хуб мешавад», гуфта буд, бо тамоми шавқу иштиёқ, иқтидори табъу завқ ба кори эҷод пайвастам ва чандин баёзу китобҳои ашъорам аз тариқи нашриётҳои гуногуни Душанбеву Тошканд чоп шуданд». Ва ҳамин зайл Паймон бо зикри зарбулмасали «тақдирро тақдирҷунбон мебояд» аз фазилатҳои неки он инсони шариф, ки барои камина низ тақдирҷунбон буданду аз ин хусус дар мақолаам «Ҳар чӣ ёфтам, аз «Овоз» ёфтам» сухан меравад, нақл менамояд.

Баъди шомил шудан ба давраи эҷодкорони ин даргоҳи азиз, Паймон дар заминаи дониши мукаммали забонӣ ба мақоми журналисти муваффақ мерасад. Сафарҳо ба ноҳияҳои кишвар, иштирок дар чорабиниҳои гуногун ва мулоқот бо намояндагони касбу кори мухталиф, муҳимтар аз ҳама, масъулияту завқи эҷод, ӯро дар майдони матбуот аз имтиҳони бузурги эҷодӣ гузаронданд. Ва имрӯз мо ҳақ дорем бо номи ӯ ифтихор намоем ва бигӯем, ки мавсуф дар ҷодаи наср – рӯзноманигорӣ низ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст.

Очерки «Момои муборак», ки 8 феврали соли 1983 дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» чоп шудааст, аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои рӯзноманигории ӯст ва ҳоло ин гуна очерк-ро дар рӯзнома аҳён-аҳён мехонем. Он бо услуби ҳикоя оғоз шуда, диққати хонандаро зуд ба худ ҷалб мекунад.

«Ба қарибӣ тӯйи момои Шарбат мешудааст...

Ин хабар дар як он сар то сари деҳа паҳн гардид. Онҳое, ки аз таги гап бехабар буданд, лоқайдона чунин мегуфтанд:

– Хайр, тӯи момои Шарбат, яъне тӯи набераҳои ӯ будагист. Чӣ пур – набераҳо. Як не, наздики панҷоҳ набера дорад ӯ. Баъд чӣ пур – тӯй!» ва ҳоказо.

Ин ҷумлаҳо беихтиёр хаёли моро ба саҳнаи таърих мебарад: «Моҳи ноябри соли 1932... Суруди таскинбахши «Майда-ё, майда»-и гандумдараву хирманкӯбҳо дигар аз дашт ба гӯш намерасид. Чархи осиёбҳои колхоз шабу рӯз давр зада, ғаллаи мардумро орд мекарданд».

Ҳамин минвол, муаллиф дар бораи як зани фаъоли тоҷики деҳаи кӯҳистон Шарбатмомо Мухторова асари ҷолибе офаридааст.

«Мӯи чун барфи сари қуллаҳои кӯҳсори деҳа сафеду чеҳраи пурожанг, чашмони камнуру пешонаи васеи пурчин, лабу даҳони мутаносиби момою қади хамидаи ӯ бо таъбири Одамушшуаро, Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: «Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯи мушкинмӯй, Ки ҳоли банда аз ин пеш дар чӣ сомон буд, – мегуфтанд» – хеле орифона навиштааст Паймони шоир.

Ҳар як навиштаи ӯ ҳамчун журналист дорои услуби хос, баёни равон ва тасвири пурраи сират ва муҳити қаҳрамон аст.

Паймон соли 1997 дар ҳайати ҳакамони анҷумани омӯзгорони эҷодкор дар сафи чандин адибони ӯзбек ва масъулини Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ ба вилояти Андиҷон сафар мекунад. Баъди ин сафар таҳти рукни «Аз дафтари хотирот» мақолаи «Дар он кӯ ҷони ман монда» (тарҷумаи мисраи «Анда жоним қолди мани»-и Заҳириддин Муҳаммад Бобур) ба табъ мерасад, ки дар он андешаҳои ҷолибаш дар бораи маҷмӯаи «Муборак дамлар» (маҷмӯаи асарҳои омӯзгорон) низ ифода ёфтаанд: «Аз навиштаҳои баъзеи онҳо бӯйи моли воқеии адабиёт ба машом мерасад. Боиси хушнудии мост, ки дар ин баёз намунаҳое аз қаламиҳои Чоршанбеи Деҳнавӣ ва Муҳаммадҷон Ҳакими Чустӣ, ки ба хонандагони рӯзномаи «Овози тоҷик» бо навиштаҳои ба забони модариашон – тоҷикӣ эҷодкордаи худ дер боз шинос ҳастанд, ҷой доранд».

Боз як кори шоистаи насрии Паймон тарҷумаи хотираҳои журналист ва адиби ӯзбек Қурбоной Убайдуллоева мебошад, ки ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта асарҳои Устод Садриддин Айниро дар Самарқанд мошиннависӣ карда буд. Он таҳти унвони «Шуълаи ҷовидон» ба табъ расидааст. Ин тарҷумаро ӯ бо тавсияи Шавкат Ниёзов анҷом додааст.

Дар ин бора Паймон дар очерки «Фалсафаи ҳаёт»-и худ қайд намудааст, ки сармуҳаррири «Овози тоҷик» яке аз шумораҳои маҷаллаи «Шарқ юлдузи»-ро, ки соли 1956 чоп шуда буд, ба ӯ супурда, хоҳиш мекунад, ки мақолаи «Ӯчмас шуъла»-ро ба тоҷикӣ баргардонад. Ин воқеа соли 1988, дар арафаи ҷашни 110-солагии Устод Садриддин Айнӣ рӯй дода буд. Ҳамин тариқ, очерк дар як чанд шумораи рӯзнома чоп шуда, боиси истиқболи хуби муштариён мегардад. Паймон тарҷумаро пас аз чанд даҳсола дубора аз назар гузаронида, ба дасти чоп супурд ва он соли 2022 дар шакли китобча интишор гардид.

Соли 2024 бахшида ба 100-солагии таъсисёбии рӯзномаи «Овози тоҷик» очерки «Ҳамадон»-и Паймон, ки ба шахсияти донишманд, муовини сармуҳаррири рӯзнома Муҳсин Умарзода бахшида шудааст, дар китоби «Сад соли пуровоза» ҷой гирифт. Ба таъбири Паймон «Ӯ (Умарзода) ҳам нависандаву шоир, ҳам публисисту тарҷумони беназир, ҳам санъатшиносу рассоми моҳир, ҳам журналисти соҳирқалам, ҳам донанди хуби таърихи миллат ва забони модарӣ, хабардори варзиш, билхоса шатранҷ... маҳсуб меёфт».

Паймон дар очерку мақолаҳои худ ҳамеша шахсиятҳои шарифу баор, арзанда ва хизматкардаро интихоб мекунад. Очерки «Фалсафаи ҳаёт» дар бораи Мурод Махсудов намунаи равшани ин гуфта мебошад. Муаллиф дар он аз корҳои хайрхоҳонаи қаҳрамон бо эҳтиром ва самимият ёд мекунад.

Ҳамчунин, очеркҳое чун «Одами мулоим ё ҳофизе, ки халқ мешиносаду ҳукумат не» (дар бораи ҳофизи хушадо Неъматҷон Қулабдуллоев) ва «Устоди ман» (дар бораи шодравон Саломатулло Олибоев) аз ҷумлаи навиштаҳои пурмазмуни ӯ ба шумор меравад.

Ногуфта намонад, ки маҳз бо бовар ба маҳорати журналистии Паймон ӯро замоне ба вазифаи муҳаррири тоҷикии ҳафтаномаи «Фарҳанги Осиёи Марказӣ» таъин карда буданд.

Бартарии асосии Паймон ҳамчун носиру рӯзноманигор он аст, ки фонди ғании луғавӣ, маҳорати суханпардозӣ дорад ва ба таъбири «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» мукаммалтар аз мо амал мекунад.

Қаламат ҳамеша сабзу бурро бод, шоир ва носир – журналисти даврони мо – Паймон!

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**узви иттифоқҳои журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.**

***Дар шаҳри Марибори Словения барномаи ҷамъбастии фестивали 38-уми байналмилалии фолклор – CIOFF FolkArt баргузор гардид. Дар чорабинӣ зиёда аз 200 нафар санъаткорони Полша, Пуэрто-Рико, Македонияи Шимолӣ, Сербия, инчунин ансамбли академии фолклори мизбон – «Student» намунаҳои санъати миллии худро намоиш доданд.***

# «БУХОРЧА» – ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



*Дар фестивал ансамбли рақсу суруди «Бухорча»-и бахши вилоятии Филармонияи давлатии Ӯзбекистон бо роҳбарии Рауф Авезов низ иштирок карда, бо савту сурудҳои пурҷозиба ва рақсҳои дилкаши худ ҳунари миллиамонро дар саҳнаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд. Ин ҷашнвора, ки панҷ рӯз давом кард, бобати бо мероси ғании мадании номоддии халқҳои ҷаҳон аз наздик шинос кардани аҳолӣ ва меҳмонони Марибор ва рушд додани алоқаҳои дӯстию ҳамкориҳои маданӣ нақши муҳим бозид.*

*«Бухорча» баъдан дар шаҳри Истанбули Туркия дар озмуни рақсҳои мардумии ҷаҳон ширкат кард. Дар доираи озмун вохӯрии иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Истанбул Нурӣ Аслан бо намояндагони давлатҳои иштирокдори озмун ба амал омад. Дар вохӯрӣ ба намояндагон тухфаҳои хотиравӣ супорида шуданд ва бобати аҳамияти озмун мулоқоти самимӣ сурат гирифт. Озмун бо баромади «Бухорча» ибтидо гирифт. Санъаткорони шаҳри бостонӣ беҳтарин намунаҳои рақси миллиро ба эътибори ҳайати доварон ва тамошобинон ҳавола карданд.*

*Ин озмун, ки аз 37 давлат 45-то ҷамоаи фолклорию рақсиро як ҷо ҷамъ овард ба тарғиби рақси миллӣ, таҷрибаивазкунӣ, мустаҳкамсозии ҳамкориҳои маданию дӯстӣ хидмат мекунад.*

***Амрулло АВЕЗОВ,***
***хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.***






*Дар ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах маскани маънавӣ-маърифатии «Китобхонаи Шоҳрух» ба истифода супурда шуд, ки баҳри таҳкими муҳити китобхонӣ хидмат менамояд. Имконият фароҳам омадааст, ки дар як вақт ба зиёда аз 100 нафар китобхон хидмат расонда шавад. Дар фонди китобхона бештар аз 50 ҳазор асари бадеӣ ва дастуруламалҳои илмӣ мавҷуд. Муассиса бо фонди Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ вобаста карда шудааст. Наздик ба 200 ҳазор нафар китобхонҳо метавонанд аз масофа аз адабиётҳои бадеӣ ва илмӣ истифода баранд.*

***Дар сурат:** дар маскани маънавӣ-маърифатии «Китобхонаи Шоҳрух»-и ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах.*

***Суратгир: Ҷ.ЁРБЕКОВ (ЎзА).***

ДАР ЧОРСӮЙИ ЗИНДАГӢ

# БА ХОТИРИ ЧӢ?

Қатораи «Тирмиз – Сариосиё» ҳаракат мекард. Дар рӯ ба рӯйи ман ҷавонзани тахминан 20-22 сола бо кӯдаки хурдсоли худ нишаста буд. Кӯдак беист мегирист. Модараш ӯро навозиш мекарду бо хаёли он ки ташна аст, об медод. Рангу рӯйи кӯдак заъфаронӣ ва худи ӯ нимҷон буд. Чеҳраи модар ба назар гирифта ва ғамгин менамуд.

Баъди тақрибан як соати ҳаракати қатора низ ҳанӯз кӯдак гиря мекард. Роҳиён норозиёна ба модару кӯдак менигаристанд. Ниҳоят ман аз ҳамсафари худ сабаби инҷиқиҳои фарзандашро пурсон шудам. Ҷавонзан оҳи сарде кашиду гуфт:

– Ҳамин рӯз аз беморхона ҷавоб шудем. Дер боз духтарчаам бемор аст. Духтурҳо мегӯянд, ки вай инфексия гирифтаасту бояд ҳатман табобат карда шавад. Аммо ман касе надорам, ки кӯмак расонад, то духтарчаам аз вартаи беморӣ раҳо гардад.

– Падараш куҷост? Магар вай ба фарзандаш дилсӯз нест? – пурсидам аз ҷавонзан.

– Мо ҷудо зиндагӣ мекунем, – гуфт ғамолудона ҷавонзан, ки Дилдора ном доштааст.

Ман аз ин пурсиши ноҷойи худ хиҷолат кашида хомӯш мондам. Лекин аз тифлаки хурдсол чашм намекандам. Вай хеле лоғару заиф буд. Аз гармии рӯз арақшор гардид ва шояд аз бисёр гиристан хаста шуд, ки ниҳоят ором гирифту хоб рафт.

Ҳисси кунҷковиам боло гирифту сабаби ҷудоиашонро пурсон шудам.

Дилдора дурудароз хомӯш истода, ниҳоят саргузашти пурсӯзашро баён намуд:

– Ман аслан зодаи як кӯҳистони дурдастам. Ду сол пеш ба як ҷавон аз ноҳияҳои қарибии Тирмизшаҳр ба шавҳар баромадам. Рӯзҳои аввал зиндагиамон ором у осуда буд. Якдигарро мефаҳмидем. Хусуру хушдоманам низ одамони бад набуданд. Вале ин хушиву оромӣ дер давом накард. Аз рӯзе, ки духтарчаам таваллуд шуд, косаи обам дар он хона шӯр гардид. Намедонам аз чӣ бошад, духтарчаам аз рӯзҳои аввали таваллуд инҷиқӣ пайдо кард. Аз ин рӯ, хушдоманам зуд-зуд ғавғо мебардошт. Шавҳарам бошад, бо ман қариб гап намезад. Дар ҳама бобат бетарафиро ихтиёр карда буд. Аламовараш ин буд, ки баъзан гапи модарашро тасдиқ намуда, маро зери мушту лагад мегирифт. Ман дар аввал тоқат мекардам. Аммо оқибат тоқатам тоқ шуду кӯдаки нимҷонро гирифта ба хонаи модарам рафтам. Буду шуди гапро ба хонаводаамон фаҳмонидам. Лекин модарам ба ҷойи он ки маро тасаллӣ диҳад, маслиҳате дод, ки «латтаамро об бурд»...

Дилдора рӯяшро ба дигар тараф гардонд. Садои паст-паст гиря карданашро баръало мешунидам. Вай, пас аз фосилае илова намуд:

– Ҳа, бубахшед, ман гапи асосиро ба шумо нагуфтам. Модарам гуфт, ки ман бояд аз шавҳарам ҷудо шавам. Фақат бо як шарт: ё кӯдакамро ба хонаи шавҳарам монда меоям, ё ба ягон шахси кӯдакталаб фурӯхта ба хонаи падарӣ бармегардам. Аз ин маслиҳати ӯ қаҳрам омаду кӯдакамро бардошта, баромада рафтам. Охир, ман чӣ тавр ҷигарбанди худро зиндаятим месозам? Бар замми ин вай бемор асту ба муолиҷаи фаврӣ мухтоҷ.

Пас аз шунидани саргузашти пурдарди Дилдора дурудароз ба андеша рафтам. Наход модаре, ки фарзандро бо хуни дил ба камол мерасонду барояш басо бедорхобиҳо мекашид, имрӯз ба ӯ – ба ҷигарбандаш чунин маслиҳатҳоро раво мебинад. Ҳеч боварам намеомад.

– Акнун ба куҷо равонаед, чӣ ният доред? – суол кардам аз Дилдораи шӯрбахт, ки тақдир чунин «мукофот»-ро барояш раво дидааст.

– Чӣ кор карданамро намедонам. Як апаву як холаам дар ноҳияи Деҳнав зиндагӣ доранд. Ҳозир ба хонаи холаам равонам. Ба апаам занг зада будам, вай ҳам фикри модарамро тасдиқ кард. Аз ин рӯ, ба хонааш қадам намемонам. Онҳо маро аз ҷигарбандам ҷудо кардан мехоҳанд. Ба онҳо кӯдаки нимҷони ман даркор набудааст. Вале ман то зиндаам, ба ин роҳ намедиҳам, – гуфт бо як ҷасорату қатъияти хос Дилдора ва тифлаки хобашро, ки гӯё ҳамин замон касе мерабуда бошад, сахттар оғӯш кард.

Аз суҳбат бо ин ҷавонзан маълум шуд, ки ӯ танҳо як ният дорад. Мехоҳад дар ягон ҷо кор карда маблағи муайяне пайдо кунад. Сипас тифлашро ба табобат бубарад. Зеро агар муолиҷа накунад, касалӣ оқибатҳои нохуш оварда метавонад.

Аз нақли ҷавонзан сахт ба ҳайрат афтодам. Наход, дар ҷомеа чунин падару модароне вохӯранд, ки нисбати фарзандони худ беэътибор бошанд. Аз ҷониби дигар аз таҳи дил ба Дилдораи ҷавон аҳсантҳо хондам, ки бо сабру тамкин барои зиндагӣ талош дорад, баҳри шифои кӯдакаш саъй менамояд. Оре, вай модар аст. Модаре, ки мехоҳад кӯдакаш сиҳҳату шикамаш сер бошад, тозаву озода ба камол расад. Виҷдони модариаш намегузорад, ки кӯдаки ноболиғашро зиндаятим кунад. Магар каманд оилаҳое, ки ба нохуни фарзанд зоранд. Пас чаро ӯ ба изни падару модараш гӯш диҳаду аз фарзандаш ҷудо гардад. Чаро?

**С. МУҲАММАДҶОН.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 2045. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.